**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Иттилооти асосӣ соли 2008

| | |
|---|---|
| Кишвари аъзои Коненсия аз: | 1 апрели соли 2000 |
| Хатарнок аз маводҳои зерин: | Минаҳои зиддиинфиродӣ, бомбачаҳо, дигар намуди маводҳои натаркида |
| Масоҳати тахминии замини аз минаҳо хатарнок | Пурра муайян нест, вале ҳадди ақал 8.42 км2 |
| Қурбониҳо дар соли 2008 | 13 (соли 2007 - 19) |
| Маҷрӯҳони минаҳо /муҳимоти боқимондаи давраи ҷанг (тахминан) | Номаълум, вале ҳадди ақал 448 |
| Моддаи 5 (безарарсозии манотиқи минадор) | Мӯҳлат: 1 апрели соли 2010 |
| Амалиёти безарарсозӣ дар соли 2008 | Масоҳати минтақаҳои аз мина тозашуда: 0.7км2 (2007: 0.5км2 )<br><br>Масоҳати тозашудаи минтақаҳои задухӯрд: 0.2км2 (2007: 0.2 км2 )<br><br>Масоҳати ихтисоршуда: 24.83 км2 (2006: 17.6км2 ) |
| Бенефисиарҳои бахши огаҳонии аҳолӣ дар соли 2008 | Номаълум |
| Дастовардҳо дар самти кӯмак ба ҷабрдидагони минаҳо | Такмил додашуда |
| Дастгирии барномаи амалиёти зидди минаҳо дар соли 2008 | байналмилалӣ: $1.9 миллион (дар соли 2007: $1.25 миллион)<br>миллӣ: $574,000 (дар соли 2007: $565,000) |

**Ҷамъбасти даҳсола**

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 1 апрели соли 2000 аъзои Шартномаи манъи минаҳо гардид. Тоҷикистон оиди захираи 3 084 минаҳои аз Иттиҳоди Шӯравӣ мерос монда эълон намуд ва ҳамаи онҳоро дар моҳи марти соли 2004 нобуд сохт. Дар соли 2005, Тоҷикистон назорати захираи 49 000 минаҳои



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

иловагиро, ки дар соли 2006 ҷониби Руссия нобуд сохт, ба ӯҳда гирифт. Қарор дода шуд, ки 255 минаҳо барои гузаронидани омӯзишҳо нигаҳдорӣ мешавад, ки онҳо дар соли 2007 истифода гардиданд. Тоҷикистон ягона кишвари аъзои Конвенсия аст, ки оиди нигаҳдории захираҳои минаҳои зиддиинфиродии кишвари аъзои Конвенсия набуда, яъне Руссия ( тахминан 18 200 дона) дар қаламрави худ эълон намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи июли соли 2009 Конференсияи минтақавӣ баргузор намуд.

Минаҳо, муҳимоти боқимондаи давраи ҷанг (МБДҶ) ва бомбачаҳои натаркида дар Тоҷикистон асосан дар ҷараёни ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992–1997 ва минагузории низомиёни рус ва ӯзбек дар сарҳадот пайдо гардиданд. Дар моҳи марти соли 2009, бинобар сабабҳои маблағҷудокунии маҳдуд, иқлим ва муваффақиятҳои сусти безарарсозӣ, Ҳукумати Тоҷикистон маҷбур шуд, ки тибқи моддаи 5-ӯми Конвенсия дархости тамдидкунии 10 солаи иловагиро пешниҳод намояд.

Дар тӯли солҳои 1999 – 2008, МТММ 318 нафар қурбонии минаҳо ва МБДҶ ро ошкор намуд (132 ҳалок гардида ва 186 маҷрӯҳ). Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (ҶҲАТ) аз соли 2001 инҷониб фаъолиятҳои огаҳонидани аҳолӣ аз хатари минаҳоро (ОАХМ) амалӣ намуда истодааст. Дар тӯли солҳои 2005–2007, созмони UNICEF барномаи ОАХМро дар макотиб дастгирӣ намуда буд. Дар соли 2005, МТММ масъули амалӣ намудани ин барнома гардид ва аз соли 2007 инҷониб  дар якҷоягӣ бо ҶҲАТ ва вазорати маориф ин барномаро татбиқ карда истодааст.

Тоҷикистон яке аз 26 кишварҳои аъзои  Конвенсия аст, ки масъулиятро оиди шумораи зиёди ҷабрдидагон  эҳсос менамояд ва дар самти татбиқи Нақшаи амалиёти Найробӣ тасмимоти ҷиддӣ гирифтааст. Дастовардҳо дар самти КҶМ сабт гардиданд ва аксарияти мақсадҳо амалӣ гардиданд ва ё дар ҷараён мебошанд. Ҳоло ҳам мушкилот мавҷуданд, ба мисли омӯзиши кормандони тиббӣ, таъмини моликияти миллӣ, пешкаши хадамоти ҳамгироии равонӣ ва иқтисодӣ ва баландбардории огоҳонии ашхоси маъюб оиди ҳуқуқҳояшон. Маблағҷудокунӣ дар самти КҶМ қаноатманд нест.

**Сиёсат дар самти манъи  минаҳо**

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 12 октябри соли 1999 ба Шартномаи манъи минаҳои зидди инфиродӣ  ҳамроҳ гардид ва ин шартнома дар санаи 1 апрели соли 2000 ба ҳукми қонун даромад. Дар соли 2007 МТММ якҷоя бо ТҒДи «Ҳамоҳангии олам» лоиҳае пешкаш намуданд, ки дар он тавсияҳо барои



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

даровардани тағйиротҳо ба қонунгузории мавҷудаи миллӣ бо мақсади мувофиқат кунонидан бо талаботи Муоҳидаи манъи минаҳо пешкаш гардида буданд. Дар охири соли 2007, МТММ барои баррасии парламенти миллӣ се лоиҳаи иловаҳоро пешкаш намуд.[1] Тоҷикистон дар солҳои 2008 ва 2009 оиди дастовардҳо гузориш пешниҳод нанамуд. Дар солҳои гузашта, ҷониби Ҳукумат мегуфт, ки барои татбиқи шартнома дар дохили кишвар қонунгузории ҷадид нолозим аст ва Ҳукумат дар асоси қонуни ҷиноӣ ба вайронкунии шартнома ҷазо муайян мекунад.[2]

Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориши ҳафтуми Моддаи 7 –ро, ки фаъолиятҳои соли 2008-ро дар бар мегирад, дар санаи 30 апрели соли 2009 пешниҳод намуд.[3]

Намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи ноябри соли 2008 дар Ҷаласаи 9-ўми кишварҳои аъзои Конвенсияи Оттава дар ш. Женева ширкат варзиданд ва оиди безарарсозӣ ва кўмак ба ҷабрдидагони минаҳо баромад намуда, ҳамчунин эълон намуданд, ки Ҳукумати Тоҷикистон нақша дорад дар арафаи Конференсияи Дуюми Таҳлилӣ як семинарии минтақавӣ баргузор намояд. Ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон, моҳи майи соли 2006 ва апрели соли 2007 низ дар Ҷаласаи Кумитаи Доимӣ иштирок намуда оиди безарарсозӣ ва кўмак ба ҷабрдидагони минаҳо баромад намуданд. Ҳайати Тоҷикистон ҳамчунин дар ҷаласаҳои Кумитаи Доимӣ дар моҳи майи соли 2009 баргузор гардида ширкат

---

[1] Сўҳбат бо Ҷ. Раҷабов, Директори МТММ, ш. Душанбе, 5 феврали соли 2008. Иловаҳо дар қонунҳои зерин: "Оид ба силоҳи давлатӣ," "Оид ба гардиши муҳимоти тарканда бо мақсадҳои шаҳрвандӣ," ва " Оид ба силоҳ." КБСС барои лоиҳа маблағ ҷудо намуд, лекин тавсияҳоро дида набаромад. Номаи электронии Ив Ла Ҳайи, Мушовири ҳуқуқӣ, Бахши силоҳ, КБСС, 29 июли соли 2008. Лоиҳа соли 2006 оғоз ш. буд. Нигаред ба: *Landmine Monitor Гузориши 2006*, саҳ.691.

[2] Гузориш оиди моддаи 7, Формаи А, 14 марти соли 2005; ва номаи электронии Питер Айзекс, Сармушовири техникии БРСММ/МТММ, 15 сентябри соли 2004. Қонун оиди силоҳ (с. 1996 ) ба тарзи дақиқ тамоми масъалаҳои марбут ба бақайдгирӣ, боркунӣ, интиқол, гирифтан ва захиракунии силоҳу яроқ дар қаламрави Тоҷикистонро ба танзим медарорад. Гузориш оиди моддаи 7, Формаи А, 3 феврали соли 2003.

[3] Гузоришҳои қаблӣ, пеш аз соли календарӣ дар санаҳои зерин пешкаш гардида буданд: 3 феврали соли 2008, 12 марти соли 2007, 14 марти соли 2006, 14 марти соли 2005, 4 феврали соли 2004 ва 3 феврали соли 2003 (28 сентябри соли 2000).



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

варзида, оид ба КҶМ суханронӣ намуданд ва дар бораи дархости тамдиди Моддаи 5–ӯми Конвенсия, ки дар он моҳ пешкаш гардида буд, презентатсия пешкаш намуданд.

Дар таърихи 7 – 8 июли соли 2009 МТММ дар ш. Душанбе, Семинар марбут ба дастовардҳо ва мушкилотҳо дар самти ноилшавӣ ба Осиёи Марказии озод аз минаҳо баргузор намуд, ки он дар арафаи Конференсияи Дуюми Таҳлилӣ сеюмин чунин конференсияи минтақавӣ ҳисоб меёбад. Дар он намояндагони панҷ кишвари минтақа, ҳашт кишвари донор ва якчанд созмонҳои ғайридавлатии миллӣ ва байналмилалӣ ширкат варзиданд. Дар семинар ҳамчунин мутахассисони бахши кӯмак ба ҷабрдидагони минаҳо (КҶМ) кишварҳои Тоҷикистон ва Афғонистон иштирок намуданд. Созмони байналмилалии манъи минаҳои заминӣ (ICBL) ба бахши КҶМ ва масъалаи шафоффияти захираҳояш ба кишвари Тоҷикистон баҳои баланд дод. Лекин, ин созмон дар нисбати дархости тамдиди Моддаи 5–ӯми Конвенсия барои кишвари Тоҷикистон нуқтаи назари интиқодӣ дошт[4].

Ҷониби Тоҷикистон дар муҳокимаронихое, ки дигар кишварҳои аъзо дар масоили шарҳ ва татбиқи моддаҳои 1, 2 ва 3и Конвенсия доштанд, (оиди амалиётҳои муштараки низомӣ барои кишварҳои ғайриаъзо, интиқоли минаҳои зиддиинфиродӣ, минаҳои зидди воситаҳои нақлиётӣ бо саракҳои ҳассос ва минаҳое, ки барои машғулиятҳои омӯзишӣ нигоҳ дошта мешаванд) ширкат наварзид.

Тоҷикистон аъзои Конвенсияи силоҳҳои муқарарӣ ва Протоколи II оиди минаҳои заминӣ мебошад ва ҳамчунин аъзои Протоколи V CCW оид ба муҳимоти нотаркидаи ҷангӣ аст. Лекин вай ҳеҷ гоҳ гузоришҳои миллии солонаи худро тибқи моддаҳои 13 ва 10 пешкаш наменамояд.

---

[4] Изҳороти ICBL, "Нигоҳ ба вазъи Муоҳидаи манъи минаҳо дар Осиёи Марказӣ: Перспективаи ICBL," ш. Душанбе, Семинар «Ноил шудан ба Осиёи Марказии озод аз мина», ш. Душанбе, 7 июли соли 2009, www.icbl.org.



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсия оиди муҳимоти касетиро аз таърихи 1 июли соли 2009 имзо накардааст.[5]

## Истеҳсол, интиқол, истифода, захирасозӣ ва нобудсозии минаҳои зидди инфиродӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки вай ҳеҷ гоҳ минаҳои зиддиинфиродӣ истеҳсол ва ё содирот накардааст.[6] Аз ҳама наздиктарин истифодаи мина дар соли 2000 ва 2001 сурат гирифтааст, вақте ки марзбонони Руссия ва Ӯзбекистон дар чандин мавзеъҳои сарҳадӣ дар қаламрави Тоҷикистон минагузорӣ намуданд. [7]

Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми захираҳои минаи зиддиинфиродиро, ки ҳамагӣ 3 084 дона, аз Иттиҳоди Шӯравӣ дар давраи 5 майи соли 2002 то 31 марти соли 2004 мерос монда буд, пеш аз мӯҳлат нобуд сохт.[8]

Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона кишвари аъзо аст, ки оиди дар қаламраваш як кишвари ғайриаъзо захира намудани минаҳои зиддиинфиродиашро эълон намуд. Дар соли 2003, маълумот мавҷуд буд, ки тахминан 18 200 минаи зиддиинфиродии намудҳои гуногун аз ҷониби воҳидҳои низомии Руссия, мустақар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон захира шуда буданд.[9] Ин захираҳо таҳти назорату ваколати Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд.[10] Тибқи гузоришҳои моддаи 7, ки аз соли 2003 инҷониб пешкаш мегарданд, Ҷумҳурии Тоҷикистон

---

[5] Барои мушахассот оиди сиёсати муҳимот ва таҷриба, ниг. ба: Ҳюмен Райтс Вотч ва амалиёти зидди минаҳо, *Манъи муҳимоти касетӣ: Сиёсати Хукумат ва таҷриба,* Амалиёти зидди минаҳои Канада, майи соли 2009, саҳ. 244–245.

[6] Гузориш оиди моддаи 7, Формаҳои E ва H, 3 феврали соли 2003.

[7] Ibid, Формаи C.

[8] Гузориш оиди Моддаи 7 , Формаи G, 14 марти с. 2005. Матн дар формаҳои A, D, ва F ҳамагӣ 3,029 минаҳо нобуд к. шудааст, лекин рӯйхати мушаххас дар Формаи G то 3,084 дона. Дар ин форма : 1,591 минаи POMZ-2; 633 PMN; 436 OZM-72; ва 424 MON-100.

[9] Гузориш оиди Моддаи 7 , Формаи B, 3 Феврали соли 2003.

[10] Сӯҳбат бо Ҷ. Раҷабов, он вақт Муовини Сардори Шӯрои кафолати конститутсионии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, Аппарати Президент, ш. Женева, 5 феврали соли 2003. Дар сӯҳбати дигар дар ш. Женева дар санаи 13 майи соли 2003, Раҷабов зикр намуд, ки низомиёги тоҷик дар сохтори алоҳидае ҳастанд, ки метавонанд фармони низомиёни русҳоро оиди гузоштани мина раъд намоянд.



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

қайд мекунад, ки гуфтушунидҳои байниҳукуматӣ "ҳоло дар ҷараён" аст, то ки манбаи иттилоотро оиди ин минаҳои русӣ дақиқ ва пурра кунанд.[11]

Захираҳои минаҳои ба қарибӣ ошкор гардида

Тибқи гузориши моддаи 7, ки соли 2008 пешкаш гардидаст, Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоотро оиди минаҳои зиддиинфиродие, ки баъди анҷом ёфтани барномаи нобудсозии захираҳо ошкор ва нобуд сохта шудаанд, ҳисобот дод.[12] Дар соли 2006, марзбонони тоҷик ба ҳамкорони русиашон мустақар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 49 152 минаҳои намуди PFM-1S, ки тавассути масофа идора мешаванд[13] ва 100 "блок" минаҳои намуди ПОМро [14] барои нобудсозӣ супурданд. Тибқи фармони Хадамоти марзии Федератсияи Россия моҳи октябри соли 2006 ин захираҳо нобуд карда шудаанд.[15]

Дар ҷавоб ба саволи: " Ин минаҳо аз куҷо пайдо шуданд?", МТММ ба Landmine Monitor гуфт, ки дар соли 2005 Кумитаи Ҳифзи Сарҳади Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи сарҳади байналмилалии Тоҷикистон—Афғонистонро зери назорати худ гирифт ва ҳамчунин тамоми таҷҳизоту ашёҳои марбут ба сарҳадро, аз ҷумла минаҳоро аз марзбонони рус гирифтанд. Тибқи суханҳои намояндаи МТММ, мақомоти марзбонони тоҷик сари вақт иттилоот пешкаш нанамуданд, то ки ин маълумот дар гузориши моддаи 7и Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамроҳ карда шавад.[16]

---

[11] Гузориш оиди Моддаи 7, Формаи В, 30 апрели с.2009, 3 феврали соли 2008, 12 марти с. 2007, 14 марти с. 2006, 14 марти с. 2005, 4 феврали соли 2004 ва 3 феврали соли 2003.

[12] Гузориш оиди Моддаи 7 , Формаи В, 3 феврали соли 2008. Тоҷикистон Формаи В 2 ро истифода бурдааст .

[13] МТММ тасдиқ намуд, ки ин миқдори минаҳои инфиродӣ аст. Эҳтимол дар назар аст 768 канистра, ки ҳар кадомаш 64 минаҳои инфиродӣ дорад.

[14] Тибқи Форма "ҳар як блок [и минаҳои ПОМ] чандин касета дорад ва дар ҳар як касета чандин мина вуҷуд дорад. Мо миқдори касетаҳоро, ки дар ҳар блок ҳаст, муайян накардем. Яъне дар ҳар блок чандин минаҳо вуҷуд дорад." Масалан, касетаи КРОМ-2 4 мина дорад, лекин маълум нест, ки дар як блок чанд касета ҳаст.

[15] Фармони # 21/6/8-5609, аз таърихи 1 сентябри соли 2006. Гузориши Моддаи 7, Формаи В2, 3 Феврали соли 2008.

[16] Сӯҳбати телефонӣ бо Ҷ. Раҷабов, МТММ, 18 июли соли 2008. МТММ қайд кард, ки мақомоти сарҳад оиди аз куҷо ёфтани минаҳо иттилоъ надоданд.



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

Илова бар иттилоъ дар бораи нобудсозии минаҳои аз масофа идорашаванда, дар гузориши моддаи 7 аз соли 2008 омадааст, ки марзбонони тоҷик дар ду ҳолати дигар минаҳоро "мусодира намуданд ва ё гирифтанд".[17]

Минаҳое, ки барои омӯзиш нигоҳ дошта шудаанд

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омӯзиш ва ё бо мақсадҳои рушд минаҳоро нигоҳ намедорад, охирин минаи истифодашуда соли 2007 буд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар авввал 255 минаи зиддиинфиродиро бо мақсади омӯзиш нигоҳ дошт ва эълон дошт, ки онҳоро то соли 2010 истифода хоҳад бурд.[18]

**Ҳаҷми мушкилот**
**Аз мина ва муҳимоти натаркида хатарнок будани минтақаҳо**

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз минаҳо ва муҳимоти боқимондаи давраи ҷанг (МБДҶ) заҳролуд гардидааст, аз ҷумла аз маводҳои нотаркида (UXO). Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дигар намуди МБДҶ иттилоъ надодааст, гарчанде ки маводҳои нотаркида ёфта шуда истодаанд.

Минтақаҳои маркази Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992–1997 аз мина, маводҳои таркандаи боқимондаи ҷанг ва маводҳои нотаркида заҳролуд гардидааст.[19] Низомиёни Россия барои ҳифзи сарҳад ва дидбонгоҳҳои худ аз воридшавии гурӯҳҳои мусаллаҳ аз Афғонистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1992–1998 сарҳади тоҷик-афғонро

[17] Гузориш оиди моддаи 7, Формаи B2, 3 феврали соли 2008. Дар ҳолати якӯм ду минаи MON-100, 17 POMZ-2, ва як OZM-72 "дар натиҷаи амали зидди тероризм мусодира ва ё гирифта шуданд…." На санаи ошкоркунӣ пешкаш мегардад ва на нобудсозии ин 20 минаҳои зиддиинфиродӣ. Дар ҳолати дуюм қайд мегардад, ки дар соли 2007ду минаи намуди Клеймор YM-1 ва 13 M18A1, ва як минаи намуди МОН 50 "аз амбори сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта ба МТММ барои нобудсозӣ интиқол дода шуданд." Нафарони бахши амниятӣ дар натиҷаи амалиёти алайҳи терроризм ин минаҳо ошкор ва ё мусодира карданд.

[18] Намуд ва миқдори минаҳое, ки бори аввал нигоҳ доштанд, зеринҳо буданд: ПОМЗ-2М (100 дона); ПМН (50); ОЗМ-72 (50); МОН-100 (50); ва МОН-200 (5). Тоҷикистон 30 дона минаҳоро дар соли 2005, 120 минаҳоро дар соли 2006 ва 105 минаҳоро дар соли 2007 истифода бурд. Ин минаҳо барои омӯзиши кормандони гурӯҳҳои тадқиқотӣ ва безарарсозӣ истифода шуданд. Нигаред ба: *Гузориши Landmine Monitor 2008*, саҳ. 662.

[19] Дархост оиди тамдиди мӯҳлати моддаи 5, 31 Марти с. 2009, саҳ. 1.



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

минагузорӣ намуданд. Дар солҳои 2000–2001, низомиёни ӯзбек сарҳади Тоҷикистон-Ӯзбекистонро бо мақсади пешгирии воридшавии гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайридавлатӣ аз Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон сарҳадоти ғарбӣ ва шимолии худро (дар вилояти Суғд) минагузорӣ намуданд. Ҷониби Ӯзбекистон эълон кард, ки 95%и майдонҳои минадори сарҳад бо Ҷумҳурии Тоҷикистон тоза карда шудаанд, лекин Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳор намудааст, ки кишвари ҳамсоя харитаи майдонҳои минаҳоро пешкаш нанамудааст. Тахминан 3 фоизи сарҳад дар байни ду кишвар муайян нагардидааст.[20] Минаҳо ҳамчунин дар сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қирғизистон низ ёфт гардидаанд.[21]

Дар соли 2006, марзбонони Руссия масъулияти ҳифзи сарҳади Тоҷикистон - Афғонистонро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавола намуд, лекин МТММ изҳор намуд, ки харитаи майдонҳои минаҳоро то моҳи феврали соли 2008 дастрас нанамуда буд. Дар ин харита 384 майдонҳои минаҳо, 607 мавзеъҳои минагузошташуда нишон дода шуда буд. Ин майдонҳо тахминан масоҳати 8.57 км$^2$ ро дар бар гирифта, дар он зиёда аз 260 000 дона минаҳои намуди PFM-1, PFM-1S, POM ва POM-2S мавҷуд буданд. Тадқиқоти такрории ҷараёндошта оиди ин минтақаҳо (нигаред ба зер бахши Муайянкунии минтақаҳои хатарнок) ошкор намуд, ки аксарияти майдонҳои минаҳо аз он давра ин ҷониб, бинобар сабабҳои обхезии дарёи Панҷ ва ба кор даромадани механизми дохилии минаҳо "нобуд шудаанд".[22]

Тадқиқоти умумии қаблии минтақаҳои минадор, ки дар давоми солҳои 2003–2005 аз ҷониби шарики асосии МТММ – Фонди Швейцарӣ оид ба безарарсозии минаҳо (ФШБМ) гузаронида шуда буд, дар кишвар 146 минтақаи шубҳаноки аз минаҳо хатарнокро ошкор намуда буд, ки 50 км2 ро ташкил медиҳад. Дархостҳои минбаъда барои безарарсозӣ ва гузаронидани тадқиқоти техникӣ аз ҷониби Ҳукумат, мақомоти маҳалӣ ва вазоратҳо 13 минтақаи шубҳаноки аз минаҳо хатарнокро ошкор ва илова намуд, ки масоҳаташон 0,86 км2 буд ва дар ҷараёни амалиётҳои безарарсозӣ боз масоҳати 0,17 км2 майдонҳои аз мина

[20] Гузориш оиди Моддаи 7 , 30 апрели с. 2009, саҳ. 1.
[21] Нигаред ба: Гузориши Landmine Monitor с. 2007, саҳ. 651; ва Гузориши Landmine Monitor с. 2006, саҳ. 693.
[22] Дархост оиди тамдиди мӯҳлати моддаи 5, 31марти с. 2009, саҳ. 2.



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

хатарнок муайян гардиданд. Ҳамин тавр, 159 минтақаи шӯбҳаноки аз минаҳо хатарнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масоҳати тахминии 50,67 км2 [23] заминро ташкил медод. Дар вақти гузаронидани тадқиқотҳои умумии такрорӣ дар соли 2008, 18 майдонҳои аз мина хатарнок ғайривоқеӣ эътироф карда шуд, вале 92 майдонҳои аз мина хатарноки иловагӣ пайдо намуданд, ки масоҳаташ 2,93 км2 ро ташкил менамуд.[24] Дар охири моҳи июли соли 2009, МТММ ҳаҷми мушкилоти марбут ба мавҷудияти минаҳоро чунин баҳо додааст: 8,42 км2 дар сарҳади Афгонистон ва дар минтақаи марказӣ, ҳамчунин масоҳати 6 км2и иловагӣ бояд аз тадқиқот гузарад ва ҳамчунин сарҳади Тоҷикистон-Ӯзбекистон бояд арзёбӣ гардад.[25]

Тадқиқоти ФШБМ ва МТММ ва дар ҷараёни амалиётҳои безарарсозӣ дар моҳи августи соли 2009, далелҳоеро ошкор гардиданд, ки муҳимотҳои таркандаи намудҳои PFM-1, PFM-1S, ShOAB-0.5, AO-2.5 RT, AO-0,5 ва AO-1SCh асосан дар минтақаи марказӣ хатар пеш меоваранд.[26]

## Ҳодисаҳои таркиш марбут ба минаҳо/ муҳимотҳои боқимондаи давраи ҷанг

Дар соли 2008, МТММ ҳашт ҳодисаи марбут ба таркиши минаҳои зиддиинфиродӣ/ муҳимоти боқимондаи давраи ҷанг рӯх дод, ки дар натиҷаи он чор нафар ҳалок гардиданд ва нӯҳ нафар захмдор шуданд.[27] Аз ин шумора 8 нафар ашхоси ғайринизомӣ, 3 нафар низомӣ ва ду нафар минаҷӯ буданд. Аз ин

---

[23] Ibid, саҳ. 1.

[24] Ibid, саҳ. 2.

[25] Номаи электронӣ ва SMS ва сӯҳбати телефонӣ бо Парвиз Мавлонқулов, Менеҷери Амалиётҳо, МТММ, 22 августи соли 2009; ва сӯҳбати телефонӣ бо Варқа Охуниёзов, Таҳлилгари Барнома, МТММ, 12 сентябри соли 2009.

[26] Сӯҳбати телефонӣ бо Парвиз Мавлонқулов, МТММ, 18 августи соли 2009.

[27] МТММ, "Рӯйхати ҷабрдидагони минаҳои зиддиинфиродӣ ва МБДҶ дар соли 2008," ки Мутахассиси КҶМи МТММ Райҳон Муминова тавассути номаи электронии дар таърихи 8 июни соли 2009 ирсол намуд; ва Мониторинги ВАУи Landmine Monitor дар тӯли 1 январи соли 2008–31 декабри соли 2008. МТММ байни ҷабрдидагони низомӣ ва ғайринизомӣ фарқ намугузорад, балки онҳоро ба низомиён, ғайринизомиён ва минаҷъён ҷудо мекунад. Дар як иттилоъ, яке аз се ҷабрдидагон ҳамчун минаҷӯ омадааст. Номаълум аст, ки ду минаҷӯи дигар низомӣ ҳастанд ва ё ғайринизомӣ, ҳамин тавр онҳо дар ин ҷо ҳамчун категорияи алоҳида омадаанд.



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

13 нафар: 8 нафарашон калонсолон, 4 нафар бачаҳо ва 1 духтар. Ашхоси ба фалокат дучоршуда ба машғулиятҳои зерин машғул буданд: бо маводҳои хатарнок бозӣ кардан (5 нафар), безарарсозӣ (3 нафар), хизмати ҳарбӣ (2 нафар), чаронидани чорво (2 нафар), ва ҳезумчинӣ (1 нафар). Аксарияти ҳодисаҳои таркиш марбут ба минаҳои зиддиинфиродӣ (8то) ва маводҳои таркандаи давраи ҷангӣ (5то) рух доданд. Таркишҳо дар вилояти Хатлон (5то дар ноҳияи Восеъ ва дуто дар Шаҳритус), дар вилояти Суғд (якто дар ноҳияи Исфара ва якто дар Панҷакент), вилояти Бадахшони Кӯҳӣ (дуто дар ноҳияи Ванҷ ва 1то дар Дарвоз) ва як ҳодиса дар ноҳияи Тавилдара рух доданд. Ҳамаи ашхоси ҷабрдида, ба ғайр аз як нафар (шаҳрванди Афғонистон), шаҳрвандони Тоҷикистон буданд.

Шумораи ҷабрдидагон дар соли 2008 дар муқоиса ба соли 2007 ( 20 нафар) ва дигар солҳо аз соли 1999 инҷониб камтарин миқдор ба ҳисоб меравад.[28] Ин камшавии ҳодисаҳои таркиш нишондиҳандаи мусбии фаъолиятҳои бахши огоҳонидани аҳолӣ аз хатари минаҳо ҳисоб мешавад.[29]

Ҳодисаҳои таркиш дар соли 2009 низ идома ёфтанд, гарчанд ки шуморааш кам гардид; то 17 июни соли 2009 чор маротиба ҳодисаҳои таркиш рух дод, ки дар онҳо 1 нафар ҳалок ва 5 нафар маҷрӯҳ гардиданд.[30] Се нафари онҳо низомӣ ва се нафари боқимонда ғайринизомӣ буданд. Дар таърихи 2 март, 2 низомӣ дар вақти хизматашон дар ш. Душанбе аз ҳодисаҳои таркиши МБДҶ ҷароҳат гирифтанд. 30 март дар ноҳияи Исфараи вилояти Суғд як мард дар вақти чаронидани чорвояш аз таркиши минаи зиддиинфиродӣ ҳалок гардид. 27 апрел як марду як зан, ҳарду 18 сола, дар натиҷаи бозӣ кардан бо МБДҶ дар ноҳияи Рашт маҷрӯҳ гардиданд. 17 июн, минаҷӯи низомӣ дар вақти амали безарарсозӣ дар ноҳияи Дарвози вилояти Бадахшони Кӯҳӣ аз таркиши минаи зиддиинфиродӣ маҷрӯҳ гардид.

---

28 МТММ рӯйхати қурбониҳои соли 2007 ро, ки 19 нафар буданд (9 кушта шуда, 10 маҷрӯҳ) ба 20 нафар ислоҳ намуд (9 кушта шуда, 11 маҷрӯҳ). Номаи электронии Райҳон Муминова, МТММ, 13 июли соли 2009; ва *Гузориши Landmine Monitor 2008*, саҳ. 667.

29 Ҷавоби Райҳон Муминова, МТММ ба саволномаи Landmine Monitor аз 8 июни соли 2009.

30 МТММ, "Рӯйхати ҷабрдидагони минаҳои зиддиинфиродӣ ва МБДҶ дар соли 2009," ки Райҳон Муминова, МТММ дар таърихи 8 июни соли 2009 тавассути номаи электронӣ фиристодааст; ва БРСММ, "Таркиши мина дар ноҳ. Дарвоз [sic]", 17 июни соли 2009, www.undp.tj.



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

Дар таърихи 1 апрели соли 2009, МТММ иттилоъ дод, ки як шаҳрванди Тоҷикистон дар вақти ҷӯстани гови худ дар қаламрави Ӯзбекистон дар натиҷаи таркиши минаи зиддиинфиродӣ ҳалок гардид.[31] МТММ ин ҳодисаро бинобар сабаби дар қаламрави Ӯзбекистон рух додан, дар манбаи иттидоотии худ ворид накард.

Ба кӯшишҳои МТММ нигоҳ накарда, шумораи умумии маҷрӯҳони минаҳои зиддиинфиродӣ /МБДҶ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ноаниқ ҳаст, лекин МТММ оиди 802 нафар иттилоъ дорад, ки аз он 354 ҳалокшуда ва 448 маҷрӯҳ дар байни солҳои 1992–2009. мебошанд.[32] Дар тӯли солҳои 1999–2008, МТММ 318 маҷрӯҳони минаҳои зиддиинфиродӣ/МБДҶро ошкор намуд, ки 132 ҳалокшуда ва 186 маҷрӯҳ ҳастанд.[33] Аз 315 ҷабрдидагон, аксарияташон (285) ғайринизомӣ буданд, лекин 24 нафар низомӣ ва 6 нафар минаҷӯён буданд (аз байни онҳо як нафар шаҳрванди Фаронса буд). Аз ҳама беш ҷабрдидагон (200 нафар) мардон , баъд бачагон (75), занҳо (19), духтарон (9), мардони сину солашон номаълум (11) ва занони сину солашон номаълум як нафарро ташкил медоданд. 226 нафар аз минаҳои зиддиинфиродӣ,[34] аз МБДҶ (ҳадди аққал, 5 тоаш бомбачаи касетӣ буд), 55 нафар аз дигар маводҳои тарканда ҳалок шуданд. Бо чӣ кор машғул будани 135 ҳалокшудагон дар вақти таркиш номаълум аст, лекин 67 нафар ба чупонӣ, 37 нафар ба ҷамъоварии ҳезум/хӯрока/об, 22 нафар дар хизмати ҳарбӣ, 17 нафар дар сафар, 13 нафар ба бозӣ, 8 нафар дар безарарсозии мина, 7 нафар ба кунҷкобии маводҳои тарканда, 6 нафар ба моҳидорӣ/шикор ва 3 нафар ба кишоварзӣ машғул буданд. Бинобар сабаби он, ки манбаи иттилоот нопурра аст, иттилооти ҷамъоварда нишон медиҳад, ки сатҳи ҳодисаҳои марбут ба таркиши мина\маводҳои тарканда коҳиш ёфтааст ва ё дар сатҳи соли 2000 боқӣ мондааст.

Профили хатар

---

[31] "Як нафар дар натиҷаи таркиши мина дар сарҳади Тоҷикистон-Ӯзбекистон ҳалок шуд," *Interfax* (ш. Душанбе), 1 апрели с.2009, www.interfax.com.

[32] Номаи электронии Муминова, МТММ, 13 июли соли 2009.

[33] Таҳлили Landmine Monitor тавассути номаи электронии Райҳон Муминова, МТММ, 13 июли соли 2009; ва номаи электронии Абдулмаин Каримов, Менеҷери манбаи IMSMA, МТММ, 21 июни соли 2008.



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

Сокинони 24 ноҳияи зери хатари минаҳои заминӣ, боқимондаҳои бомбачаҳои касетӣ ва дигар намудҳои МБДҶ қарор доранд. 34 Фаъолиятҳое, ки дорои хатари зиёд ҳастанд, инҳо мебошанд: ҷамъоварии ҳезум, чаронидани чорво ва истифодаи пайраҳаҳои истифода нашуда.

**Таъсири иҷтимоӣ-иқтисодӣ**

Тахминан ним миллион аҳолӣ бовар доранд, ки зери хатари минаҳо қарор доранд, ки асосан дар теппаю кӯҳистонҷойҳо ҷойгиранд. Мавҷудияти минаю бомбачаҳо ба барқарорсозии роҳҳо, хатҳои барқ, оби нӯшокӣ ва дастрасӣ ба чарогоҳҳо монеа мешаванд. Дар гузоришҳо ҳамчунин омадааст, ки ин мушкилот ба корҳои тадқиқотии геологӣ низ халал мерасонад.[35]

**Идоракунии барнома ва ҳамоҳангсозӣ**

**Амалиёти зидди минаҳо ва огаҳонии аҳолӣ аз хатари минаҳо**

**Комиссияи байнивазоратӣ оиди татбиқи қонуни байналмилалии гуманитарӣ (КТҚБГ) мақоми ваколатдори дафтари масъули амалиёти зидди минаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Муовини Сарвазир оид ба масоили амният масъули КТҚБГ аст.[36]**

МТММ дар таърихи 20 июни соли 2003 таъсис ёфт ва ва ҳамчун мақоми иҷроияи КТҚБГ37 дар байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва БРСММ амал менамояд. МТММ моҳи июни соли 2003 бо дастгирии БРСММ таъсис ёфт ва мақоми танзимкунандаи КТҚБГ ҳисоб меёбад. МТММ масъули ҳамоҳангсозӣ ва назораткунии тамоми амалиётҳои зидди минаҳо, аз ҷумла ОАХМ ва КҶМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва ҳамчунин нақшаи миллии амалиётҳои зидди минаҳо, стандартҳо, супоришҳои амалиётиро таҳия менамояд ва ба мақомоти маҳалӣ сертификати минтақаҳои тозашударо месупорад.[38]

---

[34] МТММ, "МТММ рӯзи Амалиёти зидди минаҳоро таҷлил мекунад" Пресс релиз, , www.mineaction.org.

[35] Дархост оиди тамдиди мӯҳлати моддаи 5, 31 марти с. 2009, саҳ. 4.

[36] Ibid, саҳ. 1.

[37] Ibid.

[38] Ibid.



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

Дар соли 2008 ду ҷаласаи ҳамоҳангсозӣ дар якҷоягӣ бо Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (ҶҲАТ) ва КБСС сурат гирифт. БРСММ аз моҳи августи солм 2008 кӯмакҳои молӣ ва техникиро оғоз намуд. [39]

**Кӯмак ба ҷабрдидагони минаҳо (КҶМ )**

Нақшаи стратегии амалиётҳои зидди минаҳо барои солҳои 2004–2008 ва ҳамчунин нақшаи стратегии иловаҳо даровардашуда барои солҳои 2006–2010 нақши МТММро дар самти КҶМ эътироф намуд. Нақши МТММ иборат аз ҳамоҳангсозӣ бо Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (ВМҲИА), ки масъули масъалаҳои маҷрӯҳият аст ва дигар шарикони манфиатдор мебошад. Бахши КҶМи МТММ аз соли 2006 инҷониб фаъолият дорад. Ин бахшро мутахассис, ки худ духтури психолог аст, роҳбарӣ намуда, муовинаш маҷрӯҳи мина мебошад ва масъули пешкаши кӯмак ба Ҳукумат дар таҳиякунии стратегияи КҶМ, танзими ҷаласаҳо ва фаъолиятҳо дар байни иҷрокунандагони КҶМ, таҷдид намудани иттилоот ва сафарбаркунии захираҳои донорҳо мебошад.[40]

Гурӯҳи кории миллии КҶМ, ки соли 2006 таъсис ёфта буд, ҷаласаҳои КҶМро ҳамоҳанг месозад ва аз ташкилоту оҷонсиҳои зерин иборат мебошад: МТММ, вазоарти тандурустӣ, ВМҲИА, маркази миллии ортпедӣ, Институти миллии тадқиқотӣ барои ашхоси маъюб (ИМТБАМ), Иттиҳодияи миллии ашхоси маъюб, ҶҲАТ, ТҒД«Ҳамоҳангсозии дунё»ва ҷабрдидагони минаҳо/маводҳои тарканда.[41] Ин гурӯҳ дар соли 2008 мунтазам ҷаласаҳо ташкил карда мушкилоти КҶМро муҳокима мекарданд, фаъолиятҳоро ҳамоҳанг месохтанд ва КҶМро дар лоиҳаҳои васеътари ҳукуматӣ ворид менамуданд.[42]

---

[39] Шаҳриниссо Давлатова, "Гузориши солона оиди татбиқи минаҳои зиддиинфиродӣ , маводҳои нотаркида, бомбаҳои касетӣ ва силоҳҳои хурд. Огаҳонии аҳолӣ дар соли 2008," МТММ/БРСММ, бе таърихи рӯз.

[40] Райҳон Муминова, "Тадқиқотҳо барои ноилшавии ҳаёти беҳтар ба ҷабрдидагони мина," *Маҷалаи Амалиёти зидди минаҳо*, Ҷилди 12.1, тобистони с. 2008, maic.jmu.edu; ва нигаред ба: *Гузориши Landmine Monitor с. 2008*, саҳ. 673.

[41] Ҷавоби Райҳон Муминова, МТММ ба саволномаи Landmine Monitor аз 8 июни соли 2009.

[42] Ibid.



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

ВМҲИА мақоме аст, ки бевосита масъули ашхоси маъюб дар Тоҷикистон аст ва бо мақомоти давлатие, ки масъули ҳифзи ҳуқуқҳои онҳо мебошанд, ҳамкорӣ мекунад.

**Ҷамъоварии иттилоот ва идоракунӣ**

Версияи охирини манбаи иттилоотии СИИАМ (дар заб. англ. IMSMA) дар моҳи июни соли 2008 дар МТММ насб кунонида шуд. Ин барнома дар моҳи майи соли 2009 таҷдид карда шуд, вале бинобар сабабҳои техникӣ, МТММ дар моҳи июли соли 2009 қарор дод, ки версияи авваларо истифода кунад.[43]

МТММ эътироф намуд, ки ҷамъоварии пурраи иттилоот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас нашудааст,[44] лекин аз нуқтаи назари географӣ дар соли 2008 ҳафт ноҳияи иловагӣ дар қисмати ҷанубӣ дар назди сарҳадот бо Афғонистон илова гардиданд.[45] Бинобар сабаби ин васеъшавӣ, шояд қурбониҳои ба наздикӣ рухдода ба рӯйхати мавҷуда илова гарданд, гарчанде ки баъзе қурбониҳо дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ ва ё баъди он сабт нагардида буданд.[46] Ҷамъоварии иттилоот дар соли 2008 низ бомуваффақият идома ёфт ва ин иттилоот бахшҳои гуногун, ба мисли димографӣ, ҷуғрофӣ, фаъолиятҳо дар вақти ҳодиса рухдода, ва намудҳои маводҳои таркандаро дар бар мегирифт.[47]

МТММ масъули ҷамъоварии иттилоот аст ва дар якҷоягӣ бо ҶҲАТ, ВМҲИА, вазорати тандурустӣ ва мақомоти маҳалӣ дар ин самт ҳамкорӣ мекунад. Дар соли 2008, КБСС ба ҶҲАТ кӯмакашро идома дод. Иттилооти зарурӣ тавассути пурсиши маълумотҳо аз сарчашмаҳои расмӣ ва аз аҳолии манотиқи зери хатари минаҳо қарордошта ҷамъоварӣ карда мешавад.[48] МТММ дар системаи

[43] Сӯҳбати телефонӣ бо Парвиз Мавлонқулов, МТММ, 5 августи соли 2009.

[44] "Татбиқшавии мақсадҳои Нақшаи амалиёти Найробӣ тибқи Конвенсия дар нисбати КҶМ. Мақсадҳо ва нақшаҳои таҷдидшудаи амалиётии Ҳукумати Тоҷикистон барои солҳои 2006–2009," с. 2008, аз номаи электронии Райҳон Муминова, МТММ, 8 июни соли 2009.

[45] Ҷавоби Райҳон Муминова, МТММ ба саволномаи Landmine Monitor аз 8 июни соли 2009.

[46] Ibid.

[47] Номаи электронии Райҳон Муминова, МТММ, 8 июни соли 2009.

[48] Ҷавоби Райҳон Муминова, МТММ ба саволномаи Landmine Monitor аз 8 июни соли 2009; ва Изҳороти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи 9ӯми кишварҳои аъзо, ш. Женева, 28 ноябри с. 2008.



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

СИИАМ аз соли 2003 инҷониб иттилооти заруриро оиди маҷрӯҳони минаҳо ҷамъоварӣ мекунад[49] ва ин иттилоот бо шарикони мутобиқ тибқи хоҳишашон табодули назар карда мешавад.[50]

Дар моҳи марти соли 2008, МТММ, вазорати тандурустӣ, ВМҲИА ва ҶҲАТ арзёбии эҳтиёҷоти КҶМ ро, ки соли 2006 оғоз гардида буд, анҷом доданд. Ин арзёбӣ дар тамоми вилоятҳои Тоҷикистон гузаронида шуд ва иттилоотро аз 30 ноҳия (аз ҷумла 24 минтақаи зери хатари мина қарордошта) ҷамъоварӣ намуд. Дар натиҷаи ин арзёбӣ оиди 30 нафари маҷрӯҳони минаҳо, ки дар гузашта номаълум буданд, иттилоъ ҷамъоварӣ карда шуд.[51] Иттилооти ҷамъоварӣ шуда бо иттилооти дар СИИАМ мавҷудбуда муқоиса карда шуд ва нафарони такроршуда аз манбаи иттилоот гирифта мешаванд.[52] Иттилооти ҷамъоварӣ шуда барои ба нақшагирӣ, муайянкунии афзалиятҳо ва назорати фаъолиятҳои КҶМ истифода бурда хоҳанд шуд.[53]

Вазорати тандурустӣ аз муассисаҳои тандурустӣ маълумотҳоро оиди хадамоти пешниҳод гардида ҷамъоварӣ мекунад, лекин онҳо дар як марказ мавҷуд нестанд ва барои ба нақшагирӣ истифода намешаванд.[54] Дар соли 2007, МТММ ва Вазорати тандурустӣ ба мувофақа омаданд, ки варақаи СИИАМро дар беморхонаҳо ва марказҳои тандурустӣ як хел истифода баранд. Дар соли 2008, МТММ ҳамкории зичро бо вазорати зикршуда дар самти ҷамъоварӣ ва мувофиққунонии иттилоот дар марказҳои тандурустӣ идома дод.[55]

---

[49] Нигаред ба: *Гузориши Landmine Monitor, 2008*, саҳ. 668; ва " Татбиқшавии мақсадҳои Нақшаи амалиёти Найробӣ тибқи Конвенсия," бе таърихи рӯз, лекин с. 2008, номаи электронии Райҳон Муминова, МТММ, 8 июни соли 2009.
[50] "Татбиқшавии мақсадҳои Нақшаи амалиёти Найробӣ тибқи Конвенсия," бе таърихи рӯз, лекин с. 2008, номаи электронии Райҳон Муминова, МТММ, 8 июни соли 2009.

[51] Номаи электронии Райҳон Муминова, МТММ, 8 июни соли 2009.
[52] Нигаред ба: *Гузориши Landmine Monitor 2008*, саҳ. 668; ва Номаи электронии Райҳон Муминова, МТММ, 8 июни соли 2009.
[53] Нигаред ба: Гузориши Landmine Monitor 2008, саҳ. 668; ва Изҳороти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи Доимӣ оиди КҶМ ва ҳамгироии иҷтимоӣ иқтисодӣ, ш. Женева, 26 майи соли 2009.
[54] Нигаред ба: Гузориши Landmine Monitor 2008, саҳ. 668; ва « Татбиқшавии мақсадҳои Нақшаи амалиёти Найробӣ тибқи Конвенсияи Оттава," бе таърихи рӯз, лекин с. 2008, Номаи электронии Райҳон Муминова, МТММ, 8 июни соли 2009.
[55] Ҷавоби Райҳон Муминова, МТММ ба саволномаи Landmine Monitor аз 8 июни соли 2009; ва Изҳороти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи 9ӯми кишварҳои аъзо, ш. Женева, 28 ноябри с. 2008.



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

Иттилоот оиди ОАХМ дар варақаи СИИАМ ҷойгир кунонида шудааст, вале дар он оиди вазорати маориф маълумот мавҷуд нест.[56]

**Нақшаҳо**

*Нақшаҳои стратегии амалиёти зидди минаҳо.*

Дар соли 2006 Нақшаи миллии стратегии панҷсола оид ба амалиёти зидди минаҳо барои солҳои 2006-2010 таҳия карда шуд ва аз ҷониби Ҳукумат тасдиқ гардид. Мақсади ин нақшаи стратегӣ барҳам додани таъсири манфии минаҳо ва маводҳои тарканда ба рушди иқтисодиёти Тоҷикистон аст. Ҳамчунин мақсади асосиаш ин тақвият додани иқтидори МТММ буд, яъне "таъсиси идораи устуворе, ки қодир бошад амалиётҳои зидди минаҳоро ҳамаҷониба ба нақша гирад, ҳамоҳанг созад ва татбиқ намояд." Дар назар дошта шудааст, ки тибқи моддаи 5–ӯми Конвенсия Дархост оиди тамдиди моддаи 5 барои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010–2020 таҳия карда шавад, ки шояд ба ду зинаи панҷсола ҷудо карда шавад.[57]

Барои бахши ОАХМ, ин нақшаи стратегӣ минтақаҳои васеътарро фаро хоҳад гирифт ва алоқаи ОАХМ ва дигар қисматҳои амалиёти зидди минаҳоро, ба мисли тадқиқоти қурбониён/маҷрӯҳон такмил медиҳад.

---

[56] Сӯҳбати телефонӣ бо Шаҳриниссо Давлатова, Танзимгари миллии ОАХМ, МТММ/БРСММ, 13 августи соли 2009.

[57] Сӯҳбати телефонӣ бо Ҷ. Раҷабов, МТММ, 18 августи соли 2009.



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

Ҳамгироии (интегратсияи) амалиёти зидди минаҳо бо барқарорсозӣ ва рушд

Дар моҳи июни 2006 муовини сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дод, ки вазоратҳои дахлдор бояд, ки буҷаҳо ва лоиҳаҳои барқарорсозӣ ва рушдашонро бо МТММ мувофиқ намоянд ва дар ҳолатҳои зарурӣ дар буҷаҳояшон ба лоиҳаи безарарсозӣ маблағ ҷудо намоянд.

Ҳуҷҷати стратегии коҳишдиҳии камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд мекунад, ки воридсозии КҶМ ба инфрасохторҳои мавҷуда дар ноилшавӣ ба ҳуҷҷати Мақсадҳои рушди ҳазорсолаи СММ оид ба коҳишдиҳии камбизоатӣ нақши ҳалкунанда дорад. Ин стратегия мақсад дорад, ки бахшҳои тандурустӣ, барқарорсозӣ, ба кор ҷалбкунӣ ва хадамоти таъминкунии ашхоси маъюб бо нафақаро такмил диҳад.[58] Мақсади стратегии ОАХМ ин воридкунии фаъолиятҳои ОАХМ ба "фаъолиятҳои башардӯстона, ҳуқуқи башар ва рушд" мебошад.

**Моликияти миллӣ**

Ӯҳдадориҳо ба самти амалиёти зидди минаҳо ва кӯмак ба ҷабрдидагон

Арзёбие, ки аз ҷониби БРСММ соли 2008 баргузор гардид, (нигаред ба бахши Арзёбии барнома дар зер) дар барномаи амалиёти зидди минаҳо моликияти давлатии хеле маҳдуд, маблағҷудокунии ниҳоят кам ва муҳокимаронии нокифоя бо сарпарастонро ошкор намуд.[59] МТММ бовар дорад, ки он дар се соли ахир ба барномаи амалиёти зидди минаҳо моликияти миллӣ ворид намуд ва интегратсияи он ба нақшаи рушди кишварро дастгирӣ намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба барномаи мазкур саҳмияҳои моддӣ кӯмак намудааст. Тавассути дастгирии БРСММ, МТММ бовар дорад, ки вай метавонад самаранокии барномаи миллии амалиёти зидди минаҳоро тақвият диҳад, лекин эътироф менамояд, ки ҷараёни милликунонии пурраи МТММ ба мӯҳлати бештар ва кӯмакҳои иловагии берунӣ эҳтиёҷ дорад.[60]

---

[58] Нигаред ба: Гузориши Landmine Monitor 2008, саҳ. 674; ва ҷавоби Райҳон Муминова, МТММ ба саволномаи Landmine Monitor аз 8 июни соли 2009.

[59] Роберт Килӣ, "Арзёбии барномаи амалиёти зидди минаҳои БРСММи Тоҷикистон ноябр–декабри соли 2008," БРСММ,январи соли 2009, рсаҳ. 25–26.

[60] Номаи электронии Ҷ. Раҷабов, МТММ, 23 июни соли 2009.



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

МТММ иттилоъ дода аст, ки "Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мекӯшад, ки дар чорчӯбаи қонунгузории Тоҷикистон ба ашхоси маҷрӯҳ ва оилаҳои онҳо кӯмак пешниҳод намояд."[61]

Идоракунии миллӣ

Аз рӯзи таъсисёбӣ инҷониб, МТММ бо кӯмакҳои БРСММ, аз ҷумла пешкаши Сармушовири техникӣ (СТ) дар тӯли солҳои 2003–2007 фаъолият менамуд. Дар охири соли 2007, вазифаи СТ барҳам дода шуд ва аз моҳи марти соли 2008 инҷониб вазифаи Таҳлилгари (Аналист) миллии лоиҳа барои кӯмак намудани Директори МТММ дар самти банақшагирӣ, ҷалби захираҳо ва таҳияи гузоришҳо таъсис дода шуд. Ҳамчунин, барои тайёр кардани ин Таҳлилгар Машваратчии рушди иқтидори лоиҳа барои 6 моҳ (моҳҳои апрел–сентябри соли 2008) қабул карда шуд. МТММ оҳиста–оҳиста тамоми масъулиятро барои фаъолиятҳои амалиёти зидди мина дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ӯҳдаи худ гирифта истодааст. БРСММ низ дар солҳои қаблӣ дар сафарбар намудани захираҳои сарпарастон барои амалиётҳои зидди минаҳо нақши бузург мебозид.[62]

Қонунҳо ва стандартҳои миллӣ дар самти амалиётҳои зидди минаҳо /муқарарроти асосии амалиётӣ

Амалиётҳои зидди минаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи стандартҳои миллии амалиётҳои зидди минаҳо, ки дар асоси стандартҳои байналмилии амалиётҳои зидди минаҳо таҳия гардидаанд ва моҳи марти соли 2008 қабул шудаанд, амалӣ мешавад. Муқарарроти асосии амалиётии Фонди Шветсарӣ оиди безарарсозии минаҳо аз ҷониби МТММ тасдиқ мегарданд.[63] Дар моҳи феврали соли 2009 МТММ стандартҳои миллии амалиётҳои зидди минаҳо оид ба супурдани замини тозашударо қабул намуд .[64]

---

[61] МТММ, "Гузориши Мутахассиси КҶМ, давраи 1 январ–31 декабри соли 2008," бе таърихи рӯз, Номаи электронии Райҳон Муминова, МТММ, 8 июни соли 2009.

[62] Номаи электронии Ҷ. Раҷабов, МТММ, 23 июни соли 2009..

[63] Дархост оиди тамдиди мӯҳлати моддаи 5, 31 марти с. 2009, саҳ. 2.

[64] Сӯҳбати телефонӣ бо Парвиз Мавлонқулов, МТММ, 5 августи соли 2009.



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

**Арзёбии барнома**

Дар моҳҳои ноябр–декабри соли 2008, МТММ миссияи арзёбикунандаи БРСММро қабул намуд. Хулосаи миссия чунин буд, ки " фаъолиятҳои лоиҳаи МТММ хуб сурат гирифта истодаанд ва ин ташкилот ба аксар мақсадҳои худ ҳамчун мақоми танзимкунандаи амалиёти зидди минаҳо ноил гардид." Арзёбӣ камбудиҳои зеринро низ ошкор намуд: норасоии моликияти давлатӣ (нигаред ба бахши Ӯҳдадориҳо ба амалиёти зидди минаҳо ва кӯмак ба маҷрӯҳони минаҳо дар боло), ҳамчунин камбуди иқтидори маводҳои таркандаи дарозмуддат, дастрасии нопурра доштан ба кӯмакҳои техникии беруна ва нохуб будани муносибатҳо бо бахши Душанбегии Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА).[65]

**Безарарсозии заминҳои аз мина хатарнок ва минтақаҳои задӯхурдҳо**

Дар соли 2008, дар барномаи безарарсозии минаҳо ҳамагӣ 126 нафар корманд дар дастаҳои зерин кор мекарданд: ду гурӯҳи безарарсозии минаҳо, ду гурӯҳи тадқиқоти техникӣ, ду гурӯҳи безарарсозии минтақаҳои задӯхурдҳо ва шаш гурӯҳи сагҳои минаҷӯ.[66] Дар авали соли 2009, созмони САҲА маблағ ҷудо намуд, ки гурӯҳи сеюми тадқиқоти техникӣ аз нафарони Вазорати мудофиа таъсис дода шавад. Ин даста танҳо дар сарҳадоти Тоҷикистон–Афғонистон фаъолият мекунад.[67]

Дар соли 2008, ФШБМ масоҳати 0,74 км2 минтақаҳои аз мина хатарнокро безарар намуда, 5 366 минаи зиддиинфиродӣ ва 375 маводҳои таркандаро ошкор ва нобуд сохт.[68] МТММ инчунин масоҳати 24,83 км2 заминҳои шӯбҳаноки минадорро бо усули тадқиқот безарар эълон намуд. Дар соли 2008 ФШБМ низ масоҳати 158 258 м2 минтақаҳои задӯхурдҳоро тадқиқот гузаронида 66 бомбачаҳои тарканда, 32 дигар намудҳои маводҳои натаркида ва панҷ минаи зидди воситаи нақлиётиро ошкор ва нобуд сохт. То моҳи майи

---

[65] Роберт Килӣ, "Арзёбии барномаи амалиёти зидди минаҳои БРСММи Тоҷикистон ноябр–декабри соли 2008," БРСММ,январи соли 2009, рсаҳ. 25–26.

[66] Номаи электронии Парвиз Мавлонқулов, МТММ, 23 июни соли 2009.

[67] Дархост оиди тамдиди мӯҳлати моддаи 5, 31 марти с. 2009, саҳ. 5.

[68] Номаи электронии Парвиз Мавлонқулов, МТММ, 17 августи соли 2009.



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

соли 2009 амалиёти тадқиқоти минтақаҳои задӯхурдҳо гузаронида нашуда буд.[69]

### Дастовардҳо аз соли аъзои Конвенсия шудан

Тибқи моддаи 5–ӯми Шартномаи манъи минаҳо, Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд тамоми минаҳои зиддиинфиродии дар манотиқе, ки таҳти назораташ қарор дорад ҳарчӣ зудтар ва на дертар аз 1 апрели соли 2010 безарар гардонад. Муваффақиятҳо дар амалӣ намудани ин самт оҳиста буд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло ҳам ҳаҷми аз мина хатарнокии қаламрави кишварро муайян менамояд. Аз оғози саршавии барнома, аз соли 2004 инҷониб, Ҷумҳурии Тоҷикистон масоҳати 1,83 км2 майдонҳои аз мина хатарнокро тоза намудааст (нигаред ба ҷадвали дар зер овардашуда).

Дар таърихи 31 марти соли 2009, Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи моддаи 5–ӯми Конвенсия, оиди дароз намудани анҷоми безарарсозӣ ба мӯҳлати 10 соли иловагӣ дархост пешниҳод намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор омилҳоеро номбар намуд, ки сабабгори сари вақт дар соли 2010 ба анҷом нарасидани безарарсозӣ гардиданд. Омилҳои зерин ба гуфтаҳои боло дохил мешаванд: маблағҷудокунии маҳдуд ва бо таъхир дастрас намудани ин маблағҳо, ки ба оғози барномаи безаррасозӣ таъсири манфӣ мерасонанд, мавҷудияти аксари минтақаҳои шӯбҳаноки минадор дар мавзеъҳои кӯҳӣ, ки амалиёти безарарсозиро мушкил мегардонад ва ҳамҷунин вазъи номусоиди боду ҳаво дар баъзе манотиқ, ки давомнокии ҷараёни безарарсозиро дар як сол ба се ё чор моҳ мубаддал месозад.[70] Масалан дар соли 2009, безарарсозӣ дар моҳи апрел оғоз гардид.[71]

### Безарарсозии заминҳои минадор ва минтақаҳои задӯхурдҳо дар солҳои 1999–2008[72]

---

[69] Ibid, ва 5 августи соли 2009.

[70] Моддаи 5 deadline Extension Request, 31 Марти соли 2009, саҳ.3.

[71] Номаи электронии Парвиз Мавлонқулов МТММ, 5 августи соли 2009.

[72] Ibid, 23 июни соли 2009. Иттилоот дар ин ҷадвал аз гузоришҳои дигар дар Landmine Monitor фарқ мекунад. Landmine Monitor барои безарарсозии минаҳо дар соли 2007 0,54 км2 ва дар с. 2006, 0,31км2; барои безарарсозии майдонҳои задухурдҳо дар с. 2006 0,06 ва минтақаи тавассути тадқиқот тоза ҳисобшуда дар с. 2007 17,7км2 нишон дода аст.



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

| Сол | Безарарсозии минаҳо (км2 ) | Безарарсозии заминҳои минадор ва минтақаҳои задӯхурдҳо (км2 ) | Бо усули тадқиқот эълон кардани заминҳои тозашуда (км2 ) |
|---|---|---|---|
| 2008 | 0.74 | 0.16 | 24.83 |
| 2007 | 0.56 | 0.18 | 17.58 |
| 2006 | 0.33 | 0 | 0 |
| 2005 | 0.13 | 0 | 0 |
| 2004 | 0.07 | 0 | 0 |
| 2000–2003 | 0 | 0 | 0 |
| Ҳамагӣ | 1.83 | 0.34 | 42.41 |

Дар моҳи майи соли 2009, дар вақти презентасияи намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дархости тамдиди моддаи 5 дар ҷаласаҳои Кумитаи Доимӣ, созмони ICBL мӯҳлати ин дархостро дарозтар ҳисобид ва барои кишвари Тоҷикистон мӯҳлати панҷсолаи дароз курдани дархосташро пешниҳод намуд.[73]

## ОАХМ

Фаъолиятҳои ОАХМ дар 22 ноҳияи зери хатари минаҳо қарордоштаи кишвар амалӣ гардиданд. Дар ин фаъолиятҳо аҳолии деҳот тавассути масъулони ноҳияҳо, шӯъбаҳои ноҳиявии ҳолатҳои фавқулъода, шӯроҳои ҷамоатии занон, муаллимон, аъзоёни ҷамоат ва бахшҳои ноҳиявии ҶҲАТ ба фаъолиятҳои ОАХМ ҷалб гардиданд. Ин машғулиятҳо аз гузаронидани семинарҳо, маҷлисҳо бо аҳли деҳот ва сӯҳбатҳо оиди ОАХМ дар мактабҳо иборатанд.[74] Барои чӯпонҳо плакатҳо ва ҳукуматҳои маҳалӣ низ иттилооти заруриро нашр намуда тақсим намудаанд.[75] Воситаҳои ахбори умумии миллӣ тавассути рекламаҳои телевизионӣ роликҳои ОАХМ ва интервюҳоро бо ихтиёриёни барнома ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нишон медиҳанд.[76] Илова бар ин, маводҳои ОАХМ ҳамчунин ба забони ӯзбекӣ нашр ва тақсим карда мешаванд, чунки дар ин

[73] Кумитаи Доимӣ оид ба безарарсозӣ, ОАХМ ва технологияи АЗМ, Женева,27 майи соли 2009.

[74] Шаҳриниссо Давлатова, МТММ/БРСММ, "Гузориши солона оиди татбиқи АЗМ, муҳимоти натаркида, бомбачаҳои касетӣ ва ОАХМ дар самти силоҳҳои хурд дар с.2008," бе таърихи рӯз, саҳ.1.

[75] Ibid.

[76] Ibid.



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

минтақаҳо шумораи зиёди аҳолӣ ӯзбекзабонанд.[77] Намояндагони ду ноҳияе, ки дар минтақаҳои онҳо барномаи ОАХМ амалӣ намешаванд, дар машғулиятҳои ноҳияҳои ҳамсоя ширкат карданд.[78] Нокифоя будани маблағ ба машғулиятҳои ОАХМ маҳдудият меоваранд.[79]

Иттилоот оиди минтақаҳои хатарнок ва қурбониён бо мақсади муайян намудани гурӯҳҳои мақсадноки ОАХМ ва мавзӯҳои афзалиятнок истифода мешаванд, дар соли 2008 арзёбии эҳтиёҷотҳои расмӣ гузаронида нашуда буд.[80]

Гарчанде ки барномаи дастгирии UNICEF дар моҳи августи соли 2007 анҷом ёфт, лекин МТММ дар самти ОАХМ ба 290 мактабҳои манотиқи зери хатари минаҳо қарордошта ва ба муаллимони мактабҳо аз ҳисоби маводҳои боқимондаи барнома кӯмакҳояшро идома дод.[81]

ҶҲАТ барномаи худро, ки ширкаткунӣ дар деҳот асос ёфтааст ва аз ҷониби КБСС таҳия гардида аст, идома дод. Онҳо 66 ихтиёриёни 22 ноҳияи дурдастро тайёр намуданд, ки дар 331 деҳот машғулиятҳои ОАХМро амалӣ созанд. Машғулиятҳои омӯзишӣ мавзӯъҳои зеринро дар бар мегифтанд: "рушди алоқа дар ОАХМ" ва "Масъалаи гендерӣ дар ОАХМ".[82] ҶҲАТ нӯҳ майдончаи бехавфи бозӣ ташкил намуд, ки аввалинаш дар соли 2005 сохта шуда буд.[83]

Ташкилоти ғайридавлатии «Ҳамоҳангсозии дунё» аз соли 2006 инҷониб дар машғулиятҳои ҳарсолаи лагери тобистонааш мавзӯи ОАХМро ворид карда, маҷрӯҳони минаҳоро барои гузаронидани машғулиятҳои ОАХМ тайёр менамояд.[84]

---

[77] Номаи электронии Занҷирбек Карамов, Танзимгари барномаи ОАХМ, ҶҲАТ, 7 сентябри соли 2009.

[78] Сӯҳбати телефонӣ бо Шаҳриниссо Давлатова, МТММ/БРСММ, 13 августи соли 2009.

[79] Ibid.

[80] Ibid.

[81] Ibid.

[82] Ibid.

[83] Сӯҳбати телефонӣ бо Шаҳриниссо Давлатова, МТММ/БРСММ, 13 августи соли 2009; нигаред ба: *Гузориши Landmine Monitor с.2006*, саҳ.697; ва *Гузориши Landmine Monitor 2007*, саҳ.654.

[84] Сӯҳбати телефонӣ бо Шаҳриниссо Давлатова, МТММ/БРСММ, 13 августи соли 2009; Нигаред ба: Гузориши Landmine Monitor 2008, саҳ. 660; ва *Гузориши Landmine Monitor 2006*, саҳ.697.



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

Аз соли 2001 инҷониб, ҶҲАТ ягона амаликунандаи ОАХМ аст, ки машғулиятҳоро дар асоси сӯҳбатҳо бо аҳли деҳот бо кӯмаки КБСС пеш мебарад ва арзёбии эҳтиёҷотро, ки ҶҲАТ, КБСС ва кумитаи ҳолатҳои фавқулъода гузаронида буданд, назорат менамояд. Қабл аз ин, КБСС баъзе машғулиятҳоро гузаронида буд ва маводҳо тақсим намуда буд.

Дар моҳи сентябри соли 2005, UNICEF як тадқиқоте оиди дониш, муносибат ва таҷриба гузаронид ва ошкор намуд, ки бачаҳо "оиди рафтори бехатар нисбатан дониши хуб доранд, лекин ба онҳо ҷасурӣ ва нишонаҳои хотиррасонкунанда лозим аст, ки нақшҳои бехатариро риоя намоянд." Дар соли 2005 UNICEF як қатор рекламаҳои бахшида ба бачагонро намоиш дод ва ҳамчунин аз моҳи майи соли 2005 то августи соли 2007 як барномаи таҷрибавие амалӣ намуд, ки дар он муаллимон ва кормандони соҳаи маорифро аз омӯзишҳо гузарониданд ва ҳамчун намояндагони тамоси ОАХМ тайёр намуд ва дастурҳои таълимӣ нашр намуд. Гарчанде, ки лоиҳа бомуваффақият анҷом ёфт, лекин он идома дода нашуд ва машғулиятҳои он ба барномаи МТММ ворид гардиданд.

МТММ ба танзим даровардани машғулиятҳои ОАХМро дар соли 2005 оғоз намуд ва дар охирҳои соли 2006 Мутахассис оиди ОАХМ қабул намуд. Дар солҳои 2006 ва 2007 ин фаъолиятҳо минтақаҳоеро фаро гирифт, ки пештар ба он ҷойҳо нарасида буд. Дар соли 2007 барномаи нав татбиқ гардид, ки дар асоси муносибати муштараки ҶҲАТ ва ҷалби бештари вазорати маориф таҳия гардида буд. Иттилоот оиди минтақаҳои хатарнок ва қурбониён бо мақсади муайян намудани гурӯҳҳои мақсадноки ОАХМ ва мавзӯъҳои афзалиятнок ҳарҷӣ бештар истифода мешуданд.

**Бахши кӯмак ба ҷабрдидагони минаҳо**

Шумораи умумии маҷрӯҳони минаҳо/маводҳои боқимондаи давраи ҷангӣ дар Тоҷикистон дақиқ нест, лекин ҳадди ақал 448 нафар ҳастанд.[85] Дар гузориши соли 2009и марбут ба дастовардҳо дар самти КҶМ, МТММ эътироф менамояд, ки ҳоло ҳам мушкилот боқӣ мондааст, аз ҷумла ҷалби захираҳо, устувории

[85] Номаи электронии m Райҳон Муминова, МТММ, 13 июли соли 2009.



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

дарозмуддат, рушди иқтидор ва қабули муносибати ягона дар самти барқарорсозии маҷрӯҳон.[86]

Арзёбии эҳтиёҷот оиди кӯмак ба маҷрӯҳони минаҳо, ки солҳои 2006–2008 гузаронида шуд, нишон медиҳад, ки 90%и маҷрӯҳон ба кӯмакҳои иқтисодӣ ва ё лоиҳаҳои «даромадоваранда», 85,5%и онҳо ба табобати дарозмуддати тиббӣ ва барқарорсозии саломатӣ, 81% ба дастгирии психологӣ, 60% ба кӯмакҳои иҷтимоӣ ва 57% ба омӯзиш ва маълумот гирифтан эҳтиёҷ доранд.[87] Масъалаҳои афзалиятноки МТММ барои солҳои 2010–2014 дар ин самт аз инҳо иборат мебошанд: дастрасӣ доштан ба хадамотҳо, тайёр кардани мутахассисони соҳаи барқарорсозӣ, рушди иқтидор, дастгирии равонӣ, ҷамъоварии иттилоот, сафарбаркунии захираҳо ва устувории дарозмуддат.[88]

Ҳамаи шаҳрвандони Тоҷикистон ба гирифтани кӯмакҳои ройгони таъҷилии тиббӣ ҳақ доранд ва тамоми қурбониёни ҳодисаҳои соли 2008 чунин кӯмакҳои тиббиро дастрас шуданд.[89] Маҷрӯҳон метавонанд аз хизмати мошинҳои ёрии таъҷилӣ ва дигар намуди нақлиёт истифода баранд, ки ба беморхонаҳо ва ё марказҳои тиббӣ интиқол дода шаванд; ин интиқолдиҳӣ тахминан аз 30 дақиқа то се соат вақтро дар бар мегирад.[90] Гарчанде ки дар поликлиникаҳо маводҳои кӯмаки аввалин мавҷуд мебошанд, лекин дар онҳо таҷҳизоти кофӣ ва доруворӣ намерасад.[91] Илова бар ин, мутахассисони таҷрибанок оиди кӯмаки аввалия ва таъҷилии пеш аз беморхона дар минтақаҳои зери хатар қарордошта намерасанд.[92] Муассисаҳои махсусе, ки дар минтақаҳои зери хатар қарордошта

---

[86] Ҷавоби Райҳон Муминова, МТММ ба саволномаи Landmine Monitor аз 8 июни соли 2009.

[87] Номаи электронии Райҳон Муминова, МТММ, 8 июни соли 2009; Ҷавоби Райҳон Муминова, МТММ ба саволномаи Landmine Monitor аз 8 июни соли 2009; ва *Гузориши Landmine Monitor, с. 2008,* саҳ.671.

[88] Изҳороти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи Доимӣ оиди КҶМ ва ҳамгироии иҷтимоӣ иқтисодӣ, ш. Женева, 26 майи соли 2009.,

[89] Ҷавоби Райҳон Муминова, МТММ ба саволномаи Landmine Monitor аз 8 июни соли 2009; ва Изҳороти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи 9ӯми кишварҳои аъзо, ш. Женева, 28 ноябри с. 2008.

[90] « Татбиқшавии мақсадҳои Нақшаи амалиёти Найробӣ тибқи Конвенсияи Оттава," бе таърихи рӯз, лекин с. 2008, Номаи электронии Райҳон Муминова, МТММ, 8 июни соли 2009.

[91] Ҷавоби Райҳон Муминова, МТММ ба саволномаи Landmine Monitor аз 8 июни соли 2009; ва «Татбиқшавии мақсадҳои Нақшаи амалиёти Найробӣ тибқи Конвенсияи Оттава," бе таърихи рӯз, лекин с. 2008, Номаи электронии Райҳон Муминова, МТММ, 8 июни соли 2009.

[92] «Татбиқшавии мақсадҳои Нақшаи амалиёти Найробӣ тибқи Конвенсияи Оттава," бе таърихи рӯз, лекин с. 2008, Номаи электронии Райҳон Муминова, МТММ, 8 июни соли 2009.



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

мавҷуданд, ин беморхонаҳои марказии ноҳияҳо мебошанд, ки дар он ҷо шӯъбаҳои травматологӣ, ҷарроҳӣ ва ҳадди ақал чор панҷ ҷарроҳ мавҷуд аст.[93] Мутахассисони маҳалӣ ба омӯзиш эҳтиёҷ доранд.[94] Дар беморхонаҳои марказии ноҳияи Тавилдара мутахассиси махсуси соҳаи ҷароҳат (травматолог) мавҷуд нест, гарчанде ки ҷарроҳони умумӣ мавҷуданд.[95] Нархи доруворӣ дар Тоҷикистон ҳоло ҳам қиммат аст.[96] Дар соли 2008, Оҷонсии Шветсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ ба вазорати тандурустӣ шаш беморхонаи сайёр тақдим намуд, ки онҳо ба беморхонаҳои Суғд, Хатлон, Рашт, Вилояти Мухтори Бадахшони Кӯҳӣ ва ба маркази тандурустии миллии ш. Душанбе тақсим карда шуданд. Моҳи августи соли 2008 барои кормандони тиббӣ дар беморхонаҳои сайёр курси омӯзишии серӯза ташкил карда шуд.[97]

Аксари маҷрӯҳони минаҳо /боқимондаҳои давраи ҷангӣ ба хадамоти барқарорсозӣ ва дастгоҳҳои ортопедӣ дастрасӣ доранд.[98] Хадамот дар Маркази миллии ортопедии ш. Душанбе ва дар се филиали вай дар шаҳрҳои Хуҷанд (дар қисмати шимол), Кӯлоб (дар ҷануб) ва дар Хоруғ (дар ҷанубу шарқ) мавҷуд мебошанд.[99] Филиалҳои марказ дар ҳолати хуб нестанд ва таҷҳизоти зарурӣ надоранд.[100] Ҷойи хоб, хӯрока барои маҷрӯҳон дар марказ ва ва интиқоли онҳо аз ноҳияҳо ба марказ ройгон мебошад.[101] Барқарорсозии ҷисмонӣ низ барои 60 нафар дар Институти миллии тадқиқотӣ барои ашхоси

---

[93] «Татбиқшавии мақсадҳои Нақшаи амалиёти Найробӣ тибқи Конвенсияи Оттава,” бе таърихи рӯз, лекин с. 2008, Номаи электронии Райҳон Муминова, МТММ, 8 июни соли 2009.

[94] «Татбиқшавии мақсадҳои Нақшаи амалиёти Найробӣ тибқи Конвенсияи Оттава,” бе таърихи рӯз, лекин с. 2008, Номаи электронии Райҳон Муминова, МТММ, 8 июни соли 2009.

[95] «Татбиқшавии мақсадҳои Нақшаи амалиёти Найробӣ тибқи Конвенсияи Оттава,” бе таърихи рӯз, лекин с. 2008, Номаи электронии Райҳон Муминова, МТММ, 8 июни соли 2009.

[96] Ҷавоби Райҳон Муминова, МТММ ба саволномаи Landmine Monitor аз 8 июни соли 2009.

[97] Изҳороти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи 9ӯми кишварҳои аъзо, ш. Женева, 28 ноябри с. 2008.

[98] Ҷавоби Райҳон Муминова, МТММ ба саволномаи Landmine Monitor аз 8 июни соли 2009.

[99] « Татбиқшавии мақсадҳои Нақшаи амалиёти Найробӣ тибқи Конвенсияи Оттава,” бе таърихи рӯз, лекин с. 2008, Номаи электронии Райҳон Муминова, МТММ, 8 июни соли 2009; ва Изҳороти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи 9ӯми кишварҳои аъзо, ш. Женева, 28 ноябри с. 2008.

[100] «Татбиқшавии мақсадҳои Нақшаи амалиёти Найробӣ тибқи Конвенсияи Оттава,” бе таърихи рӯз, лекин с. 2008, Номаи электронии Райҳон Муминова, МТММ, 8 июни соли 2009.

[101] Изҳороти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи 9ӯми Кумитаи Доимӣ, ш. Женева, 28 Ноябр 2008; ва нигаред ба: also Гузориши Landmine Monitor, с. 2008, саҳ.671.



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

маъюб (ИМТБАМ) мавҷуд ҳаст.[102] Дар таърихи 31 декабри соли 2008, КБСС Маркази миллии ортопедиро ба ВМҲИА супурд.[103] Фонди махсуси КБСС барои ашхоси маъюб дар моҳи январи соли 2009 оғоз гардид.[104] Дар соли 2008, дар Маркази миллии ортопедӣ барои гирифтани хадамот бинобар нарасидани устоҳо навбат вуҷуд дошт.[105] Омӯзиши устоҳои ортопедӣ дар Тоҷикистон имкон надорад.[106] Дар моҳи майи соли 2008, МТММ, вазорати тандурустӣ ва Фонди байналмилалӣ оиди безарарсозӣ ва кӯмак ба маҷрӯҳони минаҳо (ITF) барои 20 духтурони ноҳияҳои зери хатар қарордошта ва ш. Душанбе омӯзиши 6-рӯза бо номи "Барқарорсозии мизоҷони аз даст маҳрумшуда " ташкил намуд.[107]

Барномаҳои дастгирии равонӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба васеъшавӣ зарурият доранд. Дастгирии равонӣ дар беморхонаҳои ноҳиявӣ маҳдуданд.[108] Кӯмакҳоро дар ИМТБАМ ва тавассути Иттиҳодияи миллии ашхоси маъюб гирифтан мумкин аст.[109] Лагерҳои ҳарсолаи тобистонаи МТММ барои шумораи маҳдуди маҷрӯҳони минаҳо дастгирии равонӣ пешкаш менамояд.[110] Имкониятҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ барои маҷрӯҳони минаҳо маҳдуд боқӣ мемонад, гарчанде ки дар соли 2008 баъзе фаъолиятҳои даромад оваранда амалӣ шуданд.[111] Бекорӣ барои тамоми аҳолӣ, аз ҷумла барои маҷрӯҳон

---

102 «Татбиқшавии мақсадҳои Нақшаи амалиёти Найробӣ тибқи Конвенсияи Оттава," бе таърихи рӯз, лекин с. 2008, Номаи электронии Райҳон Муминова, МТММ, 8 июни соли 2009.

103 Изҳороти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи 9ӯми кишварҳои аъзо, ш. Женева, 28 ноябри с. 2008.

104 Номаи электронии Кристина Орбан, Аташшеи ҳуқуқӣ, Бахши силоҳҳо, КБСС,8 сентябри соли 2009.

105 Изҳороти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи 9ӯми кишварҳои аъзо, ш. Женева, 28 ноябри с. 2008 ва ҷавоби Райҳон Муминова, МТММ ба саволномаи Landmine Monitor аз 8 июни соли 2009.

106 Ҷавоби Райҳон Муминова, МТММ ба саволномаи Landmine Monitor аз 8 июни соли 2009.

107 МТММ, "Гузориши Мутахассиси КҶМ барои давраи 1 январ–31 декабри соли 2008," бе таърихи рӯз, Номаи электронии Райҳон Муминова, МТММ, 8 июни соли 2009; ва ITF, "Гузориши солона с. 2008," Люблана, 2008, саҳ.64.

108 «Татбиқшавии мақсадҳои Нақшаи амалиёти Найробӣ тибқи Конвенсияи Оттава," бе таърихи рӯз, лекин с. 2008, Номаи электронии Райҳон Муминова, МТММ, 8 июни соли 2009.

109 Ibid.

110 МТММ, «Гузориши Мутахассиси КҶМ барои давраи 1 январ–31 декабри соли 2008," бе таърихи рӯз, Номаи электронии Райҳон Муминова, МТММ, 8 июни соли 2009; ва ITF, "Гузориши солона с. 2008," Люблана, 2008, саҳ.64.

111 Ҷавоби Райҳон Муминова, МТММ ба саволномаи Landmine Monitor аз 8 июни соли 2009.



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

мушкилот ҳисоб меёбад.[112] Дар соли 2008, Ҳукумат нафақаи ашхоси маъюбро, аз ҷумла маҷрӯҳони минаҳо/дигар маводҳои тарканда ва оилаҳои ашхоси дар таркиши ин гуна маводҳо ҳалокшудаaро баланд кард, яъне нафақаи моҳонаи минималӣ ба 17 доллари амрикоӣ баробар гардид.[113] Тазминан 24 фоизи маҷрӯҳони минаҳо дар соли 2008 нафақа гирифтанд.[114] Ба як қисмати ашхоси маъюб баъзе имтиёзҳо (ба мисли кам кардани ҳаққи пардохти барқ ва телефон) мавҷуданд.[115]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳифз кардани ҳуқуқи ашхоси маъюб қонун вуҷуд дорад, лекин татбиқи он бинобар сабаби камбуди маблағ имкон надошт.[116] Иттилоъ дастрас гардидааст, ки дар соли 2009 дар самти қонуни нав оиди  ҳифзи иҷтимоии ҳуқуқи ашхоси маъюб муваффақиятҳо ба даст омадааст.[117] То таърихи 29 июни соли 2009, Тоҷикистон Конвенсияи СММ оиди ҳуқуқи ашхоси маъюбро имзо нанамуда аст. Мавзӯъҳои марбут ба Конвенсия дар мизи мудавваре, ки аз ҷониби МТММ ва ВМҲИА дар таърихи 30 майи соли 2008 баргузор гардида буд, муҳокима гардиданд.[118] Дар моҳи августи соли 2008 Форуми байналмилалии созмонҳои  марбут ба ҳуқуқи ашхоси маъюб ва Ҷумҳурии Исломии Эрон ба кишварҳои минтақа муроҷиат намуданд, ки ба Конвенсия ҳамроҳ шаванд.[119] Дар моҳи июни соли 2009, МТММ иттилоъ дод, ки Ҳукумати кишвар Конвенсияи мазкурро баррасӣ намуда истодааст.[120]

*Пешравиҳо дар самти татбиқи мақсадҳои кӯмак ба ҷабрдидагони минаҳо - КҶМ 26*

[112] Ibid.
[113] Ibid.
[114] Ibid.
[115] «Татбиқшавии мақсадҳои Нақшаи амалиёти Найробӣ тибқи Конвенсияи Оттава," бе таърихи рӯз, лекин с. 2008, Номаи электронии Райҳон Муминова, МТММ, 8 июни соли 2009.
[116] Департаменти Давлатии ШМА, "Гузоришҳои кишвар оиди таҷрибаҳои ҳуқуқи башар: Тоҷикистон, с.  2008" Вошингтон, ДС, 25 феврали соли 2009.
[117] «Татбиқшавии мақсадҳои Нақшаи амалиёти Найробӣ тибқи Конвенсияи Оттава," бе таърихи рӯз, лекин с. 2008, Номаи электронии Райҳон Муминова, МТММ, 8 июни соли 2009.
[118] Нигаред ба: Гузориши Landmine Monitor 2008, саҳ. 672; ва Изҳороти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи 9ӯми кишварҳои аъзо, ш. Женева, 28 ноябри с. 2008.
[119] Изҳороти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи 9ӯми кишварҳои аъзо, ш. Женева, 28 ноябри с. 2008.
[120] Ҷавоби Райҳон Муминова, МТММ ба саволномаи Landmine Monitor аз 8 июни соли 2009.



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

Ҷумхурии Тоҷикистон яке аз 26 кишварҳои аъзо мебошад, ки дар Конфронси Якӯми Таҳлилӣ дар моҳи ноябр-декабри соли 2004 чун кишвари дорои шумораи зиёди ҷабрдидагони минаҳо ва " дар татбиққунӣ, ва кӯмаккунӣ эҳтиёҷоти зиёд дошта " дар самти пешкаши хадамоти табобатӣ, барқарорсозӣ ва ҳамгироии ҷабрдидагони минаҳо масъулияти баланд дошта, муайян гардид.[121] Ҳамчун қисми тасмими худ дар Нақшаи Амалиёти Найроби, Ҷумхурии Тоҷикистон дар Ҷаласаи 6-ӯми кишварҳои аъзои Конвенсия дар соли 2005 Нақшаи кории (Мақсадҳои) худ барои солҳои 2005-2009 -ро пешкаш намуд.[122] Дар солҳои 2006 ва 2009 Тоҷикистон Нақшаи кори худро аз нав дида баромад.

Нақшаи кории баррасишудаи Тоҷикистон барои солҳои 2006–2009 дар Конференсияи дуюми кӯмак ба ҷабрдидагони минаҳо, ки дар ш. Душанбе моҳи апрели соли 2008 баргузор гардид, муҳокима гардид.[123] Ин нақшаро моҳи октябри соли 2008 Ҳукумат тасдиқ намуд ва он дар Ҷаласаи Нӯҳуми кишварҳои аъзои Конвенсия дар моҳи ноябри соли 2008 пешниҳод гардид. Мақсади нақша ин ноил гардидан ба "ҳаёти сифатан хуб барои ҷабрдидагони минаҳо ва барои ашхоси маъюб"[124] буда, он 21 мақсад ва нақшаи таҷдидшудаи SMARTро дар бар мегирад, ки ба онҳо ноил шуд.[125]

Тоҷикистон дар самти мақсадҳои КҶМ ба муваффақиятҳо ноил гардидааст. Аксари мақсадҳои нақшаи таҷдидшудаи Тоҷикистон амалӣ шуданд ва ё дар ҷараён мебошанд. Дар тамоми қисматҳои КҶМ дастовардҳо ҳис карда

121 СММ, « Гузориши ниҳоӣ, Конференсияи Якӯми Таҳлилӣ, " Найроби, 29 нояб.-3 декаб. с. 2004, APLC/CONF/2004/5, 9 февр. с. 2005,саҳ. 33.

122 «Гузориши ниҳоӣ оиди Ҷаласаи 6 кишварҳои аъзо, Гузориши Дастовардҳои Загреб ," қисми II, Замимаи V, Загреб , 28 нояб.-2 декаб. с. 2005, саҳ. 196-201.

123 МТММ, «Гузориши Мутахассиси КҶМ барои давраи 1 январ–31 декабри соли 2008," бе таърихи рӯз, Номаи электронии Райҳон Муминова, МТММ, 8 июни соли 2009; ва ITF, "Гузориши солона с. 2008," Люблана, 2008, саҳ.64.

124 Ibid.

125 «Татбиқшавии мақсадҳои Нақшаи амалиёти Найробӣ тибқи Конвенсияи Оттава," бе таърихи рӯз, лекин с. 2008, Номаи электронии Райҳон Муминова, МТММ, 8 июни соли 2009.



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

мешавад.[126] Муваффақиятҳои аз ҳама камтар дар самти омӯзиши кормандони тиб дар масъалаи такмилдиҳии кӯмакҳои таъҷилии пеш аз беморхона, тақсими директорияи хадамоти ҳамгироии иқтисодӣ, пешкаш кардани кӯмаки равонӣ ва баланд бардоштани огоҳӣ оиди ҳуқуқи ашхоси маъюб мебошанд.[127] Маблағҷудокунӣ барои КҶМ нокифоя буд ва дар соли 2009 Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориш дод, ки вай ҳоло ҳам ба дастгирии байналмилалӣ эҳтиёҷ дорад.[128]

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми ҷаласаҳои кишварҳои аъзо ва ҷаласаҳои байнисессиявии Кумитаи Доимӣ дар солҳои 2005–2009 оиди фаъолиятшои КҶМ гузориш медод. Тоҷикистон дар моддаи 7–ӯми гузориши ҳарсолааш формаи ихтиёрии J–ро истифода бурда оиди навигариҳо дар фаъолиятҳо дар самти КҶМ дар солҳои 2006–2009 маълумот дод. Дар ҳайати Тоҷикистон Мутахассиси КҶМ дар ҷаласаҳои кишварҳои аъзои солҳои 2005–2008 ва ҷаласаҳои байнисессиявии Кумитаи Доимии солҳои 2007–2009 ширкат меварзид.[129]

### Фаъолиятҳои кӯмак ба ҷабрдидагони минаҳо

Дар соли 2008, ҳадди ақал ба 157 ҷабрдидагони минаҳо /МБДҶ дар Тоҷикистон кӯмак пениҳод гардида буд (дар муқоиса ба 160 нафари соли 2007). Шумораи умумии кӯмак гирифтагон дар солҳои 1999–2008 номаълум аст, вале ҳадди ақал 367 ҷабрдида протез, 110 нафар кӯмакҳои равонӣ ва 177 нафар кӯмакҳои иқтисодӣ гирифтанд.[130] Ҳамаи нӯҳ ҷабрдида дар соли 2008 дар муассисаҳои тиббии кишвар табобати ройгон гирифтанд.

---

126 Ibid; Ҷавоби Райҳон Муминова, МТММ ба саволномаи Landmine Monitor аз 8 июни соли 2009; *Гузориши Landmine Monitor, с. 2008,* саҳ.672–673; ва *Гузориши Landmine Monitor 2007,* саҳ.657–659.

127 «Татбиқшавии мақсадҳои Нақшаи амалиёти Найробӣ тибқи Конвенсияи Оттава," бе таърихи рӯз, лекин с. 2008, Номаи электронии Райҳон Муминова, МТММ, 8 июни соли 2009.

128 Изҳороти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи Доимӣ оиди КҶМ ва ҳамгироии иҷтимоӣ иқтисодӣ, ш. Женева, 26 майи соли 2009.,

129 Раисони Кумитаҳои Доимӣ оид ба КҶМ ва ҳамгироии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, "Вазъи КҶМ дар контексти Конвенсияи манъи минаҳои заминӣ дар нисбати 26 кишварҳои аъзои мутобиқ дар солҳои 2005–2008," Ҷаласаи 9ӯми кишварҳои аъзо , Женева, 28 ноябри с. 2008.

130 Изҳороти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи Доимӣ оиди КҶМ ва ҳамгироии иҷтимоӣ иқтисодӣ, ш. Женева, 26 майи соли 2009; ва ҷавоби Райҳон Муминова, МТММ ба саволномаи Landmine Monitor аз 8 июни соли 2009.



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

Дар соли 2008, Маркази миллии ортопедӣ, бо дастгирии КБСС, ба 1 068 нафар дар масъалаи барқарорсозии ҷисмонӣ кӯмак намуд ва 320 протез, 137 ортез, 238 аслбағал ва ду аробача барои ашхоси маъюб иақсим намуд.[131] 24 ҷабрдидагони минаҳо/МБДҶ протез гирифтанд, аз ҷумла нӯҳ ҷабрдидагони минаҳо дар соли 2008.[132] КБСС ба кормандони Маркази миллии ортопедӣ омӯзиши физиотерапевтӣ гузаронид ва дастурҳои нави истеҳсолкунии транс-тибиа ва транс-феморал ба забони тоҷикӣ тарҷума карда шуданд.[133] ITF иттилоъ дод, ки дар соли 2008 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон семинари панҷрӯза оиди барқарорсозии мизоҷоне, ки даст ва ё пояшон бурида мешаванд, гузаронид. Семинар дар моҳи майи соли 2008 аз ҷониби Институти Барқарорсозии Словения гузаронида шуд.[134] ИМТБАМ ба 22 нафар ҷабрдида дар барқарорсозии ҷисмонӣ кӯмак намуд.[135]

МТММ дар ҷараёни лагерҳои тобистона ба 34 ҷабрдида кӯмакҳои равонӣ ва ба чор нафар дастгирии омӯзишӣ пешкаш намуд. Дар чорчӯбаи лоиҳаи асалпарварӣ барои 56 ҷабрдида дар Сағирдашт ва ноҳияи Тавилдара фаъолиятҳои даромадоваранда ташкил карда шуд, ки маблағгузориаш аз ҷониби Ҳукумати Канада сурат гирифт. Дар ноҳияҳои Исфара ва Панҷакент лоиҳаи ҶҲҶТ ба ҳашт ҷабрдидаи мина/МБДҶ фаъолиятҳои даромадоваранда ташкил намуд.[136]

**Дастгирӣ ба амалиёти зидди минаҳо**

Landmine Monitor оиди арзиши тахминии дарозмуддати ҳамаҷонибае, ки эҳтиёҷоти амалиётҳои зидди минаҳоро қонеъ намояд, аз ҷумла фаъолиятҳои ОАХМ ва КҶМ дар Тоҷикистон надорад. Тоҷикистон дар Дархости худ оиди

---

[131] КБСС, "« Гузориши солона дар с. 2008," ш. Женева, 27 майи соли 2009 , саҳ.272.

[132] Ҷавоби Райҳон Муминова, МТММ ба саволномаи Landmine Monitor аз 8 июни соли 2009; ва Изҳороти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи 9ӯми кишварҳои аъзо, ш. Женева, 28 ноябри с. 2008.

[133] КБСС, " Гузориши солона дар с. 2008," ш. Женева, 27 майи соли 2009 , саҳ.272.

[134] ITF, " Гузориши солона дар с. 2008," Любляна, 2009, саҳ.64.

[135] Ҷавоби Райҳон Муминова, МТММ ба саволномаи Landmine Monitor аз 8 июни соли 2009.

[136] Ibid; Изҳороти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи 9ӯми кишварҳои аъзо, ш. Женева, 28 ноябри с. 2008. ва МТММ, «Гузориши Мутахассиси КҶМ барои давраи 1 январ–31 декабри соли 2008," бе таърихи рӯз, Номаи электронии Райҳон Муминова, МТММ, 8 июни соли 2009; ва ITF, "Гузориши солона с. 2008," Люблана, 2008, саҳ.64.



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

моддаи 5 дар бораи тамдиди мӯҳлати анҷоми безарарсозӣ дар моҳи марти соли 2009 маблағи тахминии $36 270 000 (€24 629 906) барои тадқиқоти такрорӣ, безарарсозии дастии минаҳо, безарарсозии механикии минаҳо, безарарсозӣ тавассути сагҳои минаҷӯ ва таъсиси иқтидор барои солҳои 2009–2019 талаб мекунад, ки барои анҷоми безарарсозӣ ҳар сол тахминан $3.8 миллион зарур аст ва маблағи $550 000 аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон пардохт карда хоҳад шуд. Маблағгузории солонаи дархостшудаи байналмилалӣ барои ин нақша барои соли 2009 $3.7 миллион буда дар солҳои 2017–2019 ба $3.1 миллион баробар аст.[137] Дар ин нақша зикр гардидааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол, ҳадди ақал, ду маротиба ҷаласаи машваратии сарпарастонро барои сафарбаркунии захираҳо хоҳад гузаронид.[138]

**Дастгирии милли барои амалиёти зидди минаҳо**

Ҳукумати Тоҷикистон хабар медиҳад, ки кишвараш дар соли 2008 ба барномаи амалиёти зидди минаҳо 574 000 доллари амрикоӣ ҷудо намуд.[139] Ҳукумат ба Landmine Monitor хабар дод, ки вай дар соли 2007 ба шакли натура кӯмак ҷудо намудааст, ки ба 565 000 доллари амрикоӣ баробар аст. [140] Лекин хабар дода нашуд, ки ин маблағҳо ба шакли пулӣ буд ва ё натура; дар моҳи июни соли 2008, МТММ хабар дод, ки "ба барнома аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон маблағҷудокунӣ нест."[141]

**Ҳамкории байналмилалӣ ва кӯмакҳо**

Дар соли 2008, панҷ кишвар хабар доданд, ки ба барномаи амалиёти зидди минаҳо маблағи 1 863 366 доллари амрикоӣ (€1,265,358) ҷудо намуданд. Маблағи соли 2008 назар ба маблағи дар соли 2007 эълон шуда 49% зиёд буд. Маблағи соли 2008 кофӣ нест, ки талаботи маблағҷудокунӣ барои амалиёти зидди минаҳоро тибқи моддаи 5–ӯми дархости тамдиди мӯҳлати анҷоми безарарсозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонеъ намояд ва ҳамчунин наметавонад эҳтиёҷоти КҶМи Тоҷикистонро қонеъ гардонад.

---

[137] Дархост оиди тамдиди моддаи 5, 31 марти соли 2009, саҳ.4, 13 ва 14.
[138] Ibid, саҳ.14.
[139] Дархост оиди тамдиди моддаи 5, 31 марти соли 2009, саҳ.16.
[140] Ҷавоби Парвиз Мавлонқулов, МТММ, ба саволномаи Landmine Monitor аз 8 июни соли 2009.
[141] Ibid.



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report

**Маблағҷудокунии солонаи байналмилалӣ барои амалиёти зидди минаҳо**

**дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2008:** [142]

| Донорҳо | Оҷонсиҳо/ташкилотҳои иҷрокунанда | Мушаххасоти лоиҳа | Маблағ |
|---|---|---|---|
| Олмон | ФШБМ | Безарарсозии минаҳо | $1,079,444 (€733,019) |
| Ҳук. Канада | БРСММ | Безарарсозии минаҳо, таъсиси иқтидор | $435,392 (C$464,121) |
| Британияи Кабир | БРСММ | Безарарсозии минаҳо, таъсиси иқтидор | $200,416 (£108,070) |
| Ҳук. Белгия | БРСММ, ФШБМ | КҶМ, тадқиқот, таъсиси иқтидор | $122,226 (€83,000) |
| Шветсария | ҶҲАТ, БРСММ | ОАХМ, КҶМ | $25,889 (28,000 CHF) |
| Ҳамагӣ: | | | $1,863,367 (€1,265,359) |

То моҳи июни соли 2008, МТММ иттилоъ дод, ки маблағҷудокунии умумӣ барои соли 2008 ба $4 059 330 баробар аст.[143]

[142] Ҷумҳурии Олмон, Гузориш оиди Моддаи 7, Формаи J, 27 апрели с. 2009; номаи электронии Ким Ҳенри-Лафонтейн, Котиби 2юм, Бахши умури хориҷӣ ва савдои байналмилалӣ, Канада, 6 июни соли 2009 ва 19 июни соли 2009; номаи электронии Эми Уайт, Муовини Менеҷери Барнома, DfID, 17 марти соли 2009; Белгия, Гузориш оиди Моддаи 7, Формаи J, 30 апрели с. 2009; ва номаи электронии Рэми Фридман, Бахши сиёсии IV, ВКХ, 11 марти соли 2009.

[143] Ҷавоби Парвиз Мавлонқулов, МТММ, ба саволномаи Landmine Monitor аз 8 июни соли 2009.



All translations of Landmine Monitor research products and media materials are for informational purposes.
In case of discrepancy between the English text and any translation, the English text shall prevail.
Full report available: http://lm.icbl.org/lm09_annual_report